**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №14
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21.06.2023, № 14

Барои сазовор донистани Саидғанизода Саидсултонхон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ)

Диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) (735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1; (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 19-уми апрели соли 2023, суратмаҷлиси № 35 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Саидғанизода Саидсултонхон 12-уми марти соли 1991 дар шаҳри Хуҷанд дар оилаи коргар таваллуд шудааст.

Соли 1998 ба мактаби №16-и шаҳри Хуҷанд рафта, соли 2009 онро хатм намудааст.

Саидғанизода Саидсултонхон хатмкардаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз рӯйи ихтисоси филолог-шарқшинос, забоншинос, муаллими забони арабӣ ва забону адабиёти тоҷик (2013) буда, дар вазифаҳои коргузори кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқ (2012-2017), муаллими кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқ (2017 то ҳол) фаъолият дорад.

Солҳои 2013-2015 зинаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси филолог-шарқшинос, забоншинос, муаллими забони арабӣ ва забону адабиёти тоҷик дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” таҳсил намудааст.

Соли 2016 ба PhD докторантураи Донишгоҳи мазкур дохил шуда, соли 2019 таҳсили худро ба анҷом расонидааст ва аз ҳамон айём ба пажуҳиши илмӣ машғул гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқи МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Ғаффорова Умеда Абдуллоевна, доктори илми филология, профессор, сарходими Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ** – Тоҷиддин Мардонӣ, доктори илми филология, профессор, сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Шодиев Мирзо, номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи араби факултети Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи мазкур, номзади илмҳои филология, дотсент Аҳмадов Сафармад Гадомадович, эксперт – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷик Тағаймуродов Рустам Ҳакимович, котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷик Ҳакимов Саъдулло Тағаймуродович ва имзою мухри ректори муассиса, доктори илми биология, профессор Давлатзода С.Х. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**[1-М]** Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ / ISSN (2219-5108) - №4 (76), 2018 - Душанбе. С. 212-215.

**[2-М]** Ташаккули истилоҳоти ирфонӣ дар адабиёти тоҷик / С.Саидғанизода // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ / ISSN (2219-5108) - №5 (77), 2018 - Душанбе. С. 195-199.

**[3-М]** Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар "Савонеҳ"-и Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / ISSN (2413-516X) - №7, 2020 - Душанбе. С. 304-307.

**[4-М]** Андешаҳои ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Паёми ДД Бохтар ба номи Н.Хусрав / ISSN (2663-5534) - №1/4 (94), - Бохтар. С. 34-37.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

**[5-М]** Аҳмади Ғаззолӣ ва мактаби ӯ / С.Саидғанизода // Роҳи Абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии Авруосиё, (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ) 3 – июли 2018 – Душанбе. С. 274-276.

**[6-М]** Мафҳум ва хусусияти рубоиҳои Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо", Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода- Душанбе, 2020. С.387-389.

**[7-М]** Ирфони Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалӣ, Паёми донишкадаи Панҷакент – 2021. С. 560-563.

**[8-М]** "Савонеҳ-ул-ушшоқ" ва бадеиёти он // С. Саидғанизода // Конференсияи ҷумҳуриявӣ "Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир", Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 16-уми ноябри соли 2021 – Душанбе. С. 212-215.

**[9-М]** Корбурди истилоҳоти адабӣ дар осори Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалӣ, Паёми донишкадаи Панҷакент – 2022. С. 675-680.

**[10-М]** Ашъори Аҳмади Ғаззолӣ ва хасоиси он / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалӣ, Паёми донишкадаи Панҷакент – 2022. С. 680-683.

**[11-М]** Накши "Рисолат-ут-туюр"-и Аҳмади Ғаззолӣ ба "Мантиқ-ут-тайр"-Аттори Нишобурӣ / С. Саидғанизода // Конференсияи байналмилалии "Филологияи араб ва замони муосир" Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 28-уми октябри соли 2022 – Душанбе. С. 143-146.

[12-М] Арзишҳои бедии “Савонеҳ-ул-ушшоқ”-и Аҳмади Ғаззолӣ / С. Саидғанизода // Конференсияи ҷумҳуриявӣ “Масоили мубрами арабшиносии тоҷик”, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 28-уми октябри соли 2022 – Душанбе. С. 356-361.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Шоев А.А., мусбат буда, муқарриз дар баробари зикри дастовардҳои назарраси илмии диссертант ду эродро манзур намудааст:

1. Дар бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ пажуҳишҳои дар адабиётшиносии русу аврупоӣ оид ба таърихи адабиёти ифонии форсу тоҷик анҷомёфта камтар муаррифӣ шудаанд ва ин худ баёнгари он аст, ки дар диссертатсия аз мулоҳизоти донишмандони кишварҳои аврупоӣ камтар истифода шудааст.

2. Дар матни фишурдаи диссертатсия хоса дар гунаи русии он ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ низ ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф аст.

**2. Тақризи** доктори илми фалсафа (PhD) саромӯзгори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ Қурбоналиева М.С. ва мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз, номзади илми филологӣ, дотсент Абдуллаев Р.Ҷ., низ мусбат буда, дар он ба автореферати диссертатсия ду эрод гирифта шудааст:

1.Таҳқиқ аз рӯи мероси хаттии марбут ба мавзуи меҳварӣ ҳамеша арзиши корро дучанд месозад. Аз ин рӯ, истифода аз нусхаҳои хаттӣ арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам боло мебарад;

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори муаллиф аст.

**3. Тақризи** номзади илми филологӣ, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент Ғаффоров М. дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ду эрод зикр шудааст:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ ва ҳамаи пажуҳишҳои роҷеъ ба осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ анҷомёфта баррасӣ гардидаанд. Ба назар мерасад, ки диссертант асосан ба пажуҳишҳои дар Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамзабон анҷомёфта иктифо намудааст. Ҳол он, ки китоби “Савонеҳ-ул-ушшоқ” бо забони русӣ тарҷума ва нашр шудааст;

2. Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд, киислоҳашон ба суди муаллиф аст.

**4. Тақризи** номзади илми филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Шокиров Ҷ.В., мусбат буда, дар он ду эрод зикр шудааст:

1. Дар фасли савуми боби савуми диссератсия муаллиф корбурди ашъорро дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва "Рисолат ут-туюр мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз таҳқиқи дар диссертатисияи анҷомёфта маълум гашт, ки Ғаззолӣ дар асари аввал 115 байт истифода бурдааст, ки аз ҷумлаи онҳо 84 байт аз худи ӯст. Дар таркиби "Рисолат-ут-туюр" бошад 23 байт мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба назари мо, бо сабаби он ки диссертант таҳқиқи бештари матншиносии ашъори адибро муайян сохтааст, хуб мешуд, дар ин баҳс бархе аз ашъори мавриди истифодаи вай дар таркиби девони шоирони дигарро ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои техникӣ низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори диссертант аст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- диссертант Саидғанизода Саидсултонхон бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси зиндагинома ва мероси адабӣ, вежагиҳои насри ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ, таҳқиқ дар сабки нигориш ва мундариҷаи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр», баррасии маҳорати адабии Аҳмади Ғаззолӣ сурат гирифта, эҷодиёти адиб дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудааст.**
- масъалаҳои хусусиятҳои сабкиву поэтикии «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ **баррасӣ гардида,** заминаи масоили мавзуӣ, поэтикӣ, бадеӣ ва сабкии онҳо **муайян гардидаанд;**
- Таҳқиқ ва тайъини ҷойгоҳи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар таърихи адабиёти асри XII ва таъсири калом ва андешаҳои ӯ ба осори суханварон, донишмандон ва мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик **коркард ва муайян карда шудаанд**;
- мақоми Аҳмади Ғаззолӣ дар ташаккули шеъру ҳикмат, рушди наср дар забони форсии тоҷикӣ бар асоси асарҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» **таҳқиқу баррасӣ ёфтаанд**;

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин диссертатсия иборат аз он аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи онро метавон дар таҳқиқу баррасии масоили гуногуни адабиётшиносӣ, аз ҷумла таърихи адабиёти асри XII, бавижа қисматҳои марбут ба таърихи насри форсу тоҷик, анвои адабӣ ва сохторшиносӣ, сарчашмашиносӣ, шарҳу тафсири осори мансур, матншиносии осори манзум ва мансур ва монанди ин мавриди истифода қарор дод. Таҳқиқоти диссертатсионӣ барои муҳаққиқоне, ки ба пажуҳиши масоили гуногуни адабиётшиносӣ оғоз менамоянд, маводи назарии фаровон дода метавонад.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он аст, ки маводи онро метавон дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, сабкшиносӣ, ҳамчунин, мақолаҳову диссертатсияҳои илмӣ ба ҳайси манбаъ истифода бурд.

Натоиҷи бадастомадаи кор имкон дорад, ки зимни навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ, ҳамчунин, ҳангоми таълими курсу семинарҳои тахассусӣ дар омода намудани маводи лексионӣ мавриди истифода қарор бигиранд.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия ба афкори назарӣ ва таҳқиқотии адабиётшиносону муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, амсоли Забеҳуллоҳ Сафо, Маликушшуаро Баҳор, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Муҷтабо Минавӣ, Шафеии Кадканӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Сируси Шамисо, Эдуард Браун, Евгений Эдуардович Бертелс, Иосиф Брагинский, Садриддин Айнӣ, Холиқ Мирзозода, Абдуғанӣ Мирзоев, Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Мусулмониён, Усмон Каримов, Саъдӣ Саъдиев, Аълохон Афсаҳзод, Худоӣ Шарифов, Абдулманнон Насриддинов, Носирҷон Салимӣ, Умеда Ғаффорова ва дигарон истифода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Диссертатсия дар заминаи корбурди усулҳои муқоисавию таърихӣ, татбиқӣ, қиёсӣ-тавсифӣ, шарҳу тафсир, таҳлили сохторӣ, китобхонаӣ, оморӣ ва дигар равишҳои адабиётшиносии муосири тоҷик таълиф гардидааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои бадастомада, мабоҳиси ҷудогонаи диссертатсия ва равишҳои таҳқиқотии бакоргирифтаи муаллифро дар раванди пажуҳишот ва хусусиятҳои бадеии таълифоти насрии Аҳмади Ғаззолӣ, хоса китобҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва “Рисолат-ут-туюр”-и ӯ метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқотро барои омода намудани дастурҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, таърихи насри классикии форсу тоҷик, курсҳои

махсус оид ба шарҳнависӣ, мантшиносӣ, достонҳои рамзӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии олимони хориҷию ватанӣ мавриди истифода қарор дода шудаст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** фароҳам сохтан ва нақду баррасии маводи фаровони адабиву илмӣ дар иртибот ба осори насрии «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва дар ин замина бо далелҳои муътамади илмӣ ҳаллу фасл намудани масоили гуногуни марбут ба сабкшиносӣ, арзишҳои адабиву бадеӣ, истифодаи ашъор дар таркиби онҳо, таъсири ин китобҳои адиб ба ташаккули адабиёти форсу тоҷик оид ба мавзуи интихобнамудааш инъикос менамояд. Баргардони мутун, намунаҳои ашъори форсӣ ва тарҷумаи ашъор аз забони арабӣ ба қалами худи муаллифи диссертатсия тааллуқ дорад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 21 июни соли 2023 дар бораи сазовор донистани Саидғанизода Саидсултонхон ба дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 15 нафар (1 нафар ба тариқи онлайн), аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 15 нафар (1 нафар ба тариқи онлайн) иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 15 нафар (1 нафар ба тариқи онлайн), муқобил – нест , бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илми филология, профессор** Ҳасанзода Абдуҷамол

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илми филология, дотсент** Шарипова Муътабар
**21.06.2023.**